Тақриз

ба рисолаи номзадии Қаландарова М.С барои дарёфти дараҷаи илмии номзадии илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 дар мавзӯи «Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз технологияи муосир».

Дар диссертатсия Қаландарова Манзура Саидасроровна роҳу усулҳои баланд бардоштани самаранокии таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо истифодаи технологияи муосир мавриди татқиқот қарор дода шудааст.

Дар замони муосир,ки техника ва технология бо суръатҳои бузург пеш рафта истодаанд он асбобу анҷоме,ки дирӯз истифода мешуданд , имрӯз аллакай кӯҳна шудааст, бинобар ин таълими фанни физика рӯз аз рӯз дар назди омӯзгорон проблемаҳои нав ба навро мегузорад. Вобаста ба ин таҳқиқоти таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз ҷиҳати илмӣ актуалӣ буда, ҷустӯи роҳҳои нави таълим, методҳои гуногунранги замони ҳозираҳо тақозо мекунад. Аз ин ҷиҳат рисолаи мазкур сари вакт буда, дар он душвориҳои мавҷуда таҳлили худро ёфтаанд.

Дар боби I маълумотҳои адабиёти мавҷуда оварда шудааст. Нишон дода шудааст, ки омӯзиши ин мавзӯъ барои ба сатҳи баланд бардоштани таълими фанни физика мусоидат мекунад. Дар таҳлили мавзӯъ ҷиҳатҳои психологӣ педагогии бакалавр дар ҷараёни таълим ҳаматарафа таҳлил шуда, махсусан ҳангоми муайян намудани дараҷаи дониши бакалавр аз рӯи чеҳрааш, фаъолиятнокиаш, фаҳмишаш хеле хуб таҳлили худро ёфтааст. Таъсири омилҳои беруна ва ба муносибати бакалавр нисбати ахборҳои технологӣ физикӣ - техникӣ нақша ва барномаҳои таълими зеҳни бакалавриат хуб таҳлил шудааст ва роҳҳои ҳалли камбудиҳои мавҷуда баръало нишон дода шудааст.

Диссертант дар боби II бештар ба иҷрои корҳои мустақилонаи бакалавр таваҷҷуҳро ҷалб намудааст, ки дар ҳақиқат нақша ва барномаҳои таълими бакалавриат онро тақозо мекунанд. Ӯ нишон

додааст, ки муҳимтарин омили баландбардории сатҳу сифати таълими фанни физика ин истифода бурдан аз методҳои интерактивӣ, техникӣ, технологӣ, салоҳиятнокӣ дар ҷараёни таълим ва гузаронидани машғулиятҳои таҷрибавӣ ҳалли масъалаҳои аналитикӣ, графикӣ, проблемавӣ, фронталӣ ва дигар мебошанд.

Диссертант натиҷаи таҷрибаҳое, ки шахсан худаш ҳиссагузор аст, дар шакли диаграмма ва ҷадвалҳо нишон додааст. Дар ҷадвал муваффақиятҳо ва костагиҳои таълим бо роҳи мустаҳкамкунии гурӯҳҳои академии алоҳида маълумот медиҳад.

Натиҷаҳои илмию методии диссертатсияи Қаландарова Манзура Саидасроровна-ро дар раванди таълими фанни физика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ва дар курсҳои такмили ихтисосӣ омӯзгорони фанни физика мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Диссертатсияи Қаландарова Манзура Саидасроровна кори илмӣ-таҳқиқотии ба охир расида ба шумор меравад ва ба талаботҳои Комисияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими физика дар муассисаҳои олии касбӣ) ҷавобгӯй мебошад.

Муаллифи диссертатсия Қаландарова Манзура Саидасроровна барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими физика дар муассисаҳои олии касбӣ) арзанда мебошад.

Хулоса,рисолаи мазкур аз ҷиҳати илмӣ бой буда, барои омӯзгорони ҷавон роҳнамои беҳтарин дар шароити имрӯза шуда метавонад.

Номзади илмҳои физика ва математика, дотсенти кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ: Тошматов А.

Имзои Тошматов А. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ»: Амиров Ф.А.